**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ). –Душанбе, 2026. –184 с.**

Бо шарофати истиқлоли давлатӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ ҷиҳати ташаккулу густариши илми ватанӣ шароити мусоид ба даст омад ва бо истифода аз ин фурсат самтҳои ҷудогонаи илму пажӯҳиш шаклҳои махсусро ба худ касб намуд.

Дар шароити кунунӣ омӯзишу баррасии самтҳои мухталифи забоншиносии ватанӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, муҳаққиқонро водор месозад, ки ҷиҳати мукаммал гардонидани саҳифаҳои камомӯхташуда бо такя ба сарчашма ва адабиёти муътамад таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд.

Таҳлилу баррасӣ намудани масъалаҳои мубрам ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ яке аз самтҳои муҳимму доманадор маҳсуб ёфта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои мондагор ба пажӯҳиши ин самтҳо пайваста сайъу талош намоянд. Дар ин раванд, дар илми забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани мавзуъҳои мубрами камомӯхташуда яке аз вазифаҳои асосии олимону муҳаққиқон ба шумор меравад.

Бояд зикр намоем, ки зарурати омӯзиш ва таҳқиқи забонҳо ҳамеша дар доираи Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ зикр мешавад. Ин амал, аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқи забонҳои гуногун дар шароити кунунӣ, амри зарурӣ ва воқеӣ мебошад. Дар баробари ин, маводди диссертатсия барои корҳои минбаъда дар самти омӯзиши муқоисавии

аломатҳои китобат ҳамчун сарчашмаи муҳимми илмӣ асоснокшуда мавриди истифода шуда метавонанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии **Давлатзода Муслим Сайбурхон** дар мавзуи **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)”** ба яке аз самтҳои муҳим ва камомӯхташудаи забоншиносии муқоисавӣ бахшида шуда, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуъ** дар он зоҳир гардидааст, ки аломатҳои китобат дар ва корбурди дурусти онҳо имконияти пурра возеҳ намудани маъноро дода, шароит фарҳам меоварад, ки нутқ мақсаднок ва бидуни ғалат пешниҳод гардад. Дар шароити кунунии рушди илмҳои забоншиносӣ ва ҷаҳонишавӣ омӯзиши муқоисавии самтҳои гуногуни забонҳо бар манфиати забонҳои гуногун мебошад, таҳлили муқоисавии мавзуҳои гуногун дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар такомули андеша ва мафҳумҳое, ки тавассути хат ифода мешаванд, пеш аз ҳама мусоидат карда метавонад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо барномаҳои давлатӣ, махсусан, “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019) алоқаи бевосита дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки диссертант аввалин бор масъалаи аломатҳои китобатро дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он ба забони англисӣ, дар асоси таҳлили маводди мавҷуда баррасӣ намудааст. Гузашта аз ин, дар диссертатсия таҳлили муқоисавии аломатҳои китобат, дар заминаи матнҳои гуногун, ки маъноҳои мухталифро пешниҳод месозанд, ба роҳ монда шудааст. Бешубҳа, ин амал дар мушаххас намудани вазифаҳои хоси аломатҳои китобат, ки барои ифодаи пурраи маъно кумак мерасонанд, мусоидат мекунад.

Нуктаҳои асосӣ ва муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар масъалаҳои зеринро собит менаоянд: дастраси истифодабарандагон қарор додани аломатҳои китобат ва аҳаммияти наҳвию семантикии онҳо; коста шудани маънои ҷумла ҳангоми нодуруст ва гоҳо худсаронаи истифода шудани аломатҳои китобат; таҳлили муқоисавии аломатҳои китобат ҳамчун воситаи асосии нишон додани умумият ва фарқияти истифодаи онҳо дар забонҳои гуногунсохтор, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва амсоли инҳо.

Ҳамин тавр, ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ ҷамъбаст гардида, масъалаҳои матраҳшуда ҳалли худро ёфтаанд.

Хулосаи диссертатсия ҷамъи ақидаву натиҷаҳои таҳқиқ буда, дар он тавсияҳои муҳаққиқ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо баён шудаанд, ки он бешак ба рушди забоншиносии муосир муосидат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки диссертант дар заминаи омӯзиш ва таҳлили мавод бори аввал таҳлили муқоисавии аломатҳои китобатро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо истифода аз маводди фарҳангҳо ва адабиёти бадеӣ мавриди пажӯҳиши ҷудогона қарор додааст. Ҳамзамон, бо саъю кушиши унвонҷӯ имкон фароҳам омадааст, ки маводди мазкур барои таҳқиқоти минбаъдаи гуногуни соҳаи забоншиносӣ, аз ҷумла, забоншиносии муқоисавӣ муосидат намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Муаллиф дар муқаддима тибқи талаботи муқарраршудаи таълифи диссертатсия нуктаҳои асосие, ки қисмати дастгоҳи илмии таҳқиқотро комил мегардонад, шарҳу тавзеҳ додааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки **"Заминаҳои назариявии хусусиятҳои аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон дорад, масъалаҳои таҳқиқи назариявии мавзуъ ба миён гузошта шудааст ва унвонҷӯ дар боби мазкур мушкилот ва масъалаҳои такомулу ташаккули ин

самти забоншиносиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Боби мазкур аз чор зербоб иборат буда, онҳо, аслан, ба масъалаҳои назариявии омӯзиши аломатҳои китобат бахшида шудаанд. Дар зербобҳо унвонҷӯ давраҳои гуногуни инкишоф ва такомули аломатҳои китобатро дар заминаи адабиёти илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки маълумот пурра буда, андешаҳои худи муаллиф, масъалагузорӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод шудаанд.

Боби дуюми диссертатсияи мазкур "**Вазифаҳои сохторию маъноии аломатҳои киобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**" номгузорӣ шудааст. Дар ин боб хусусиятҳои гуногуни аломатҳои китобат, вазифаҳои онҳо, хусуиятҳои хоси онҳо, ки дар ифодаи маъно кумак мерасонанд, таҳқиқ шудаанд. Дар он муаллиф, дар заминаи андешаҳои олимони гуногун андешаҳои худро низ пешниҳод месозад, ки барои таҳқиқи пурраи мавзуъ мусоидат намудааст.

Зербоби якуми боби дуюм "**Хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ**" ном гирифтааст. Дар ин қисмат мулоҳизаҳои умумӣ оид ба аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ маълумоти фаровон бо мисолҳои мушаххас оварда шудааст. Муаллифи рисола дар заминаи таҳлили аломатҳои китобати забони тоҷикӣ ва алоқаҳои онҳоро бо самтҳои дигари забон таҳқиқ намуда, хулосаҳои илмии асоснокро пешниҳод намудааст.

Зербоби дуюми боби дуюм "**Хусусиятҳои хоси аломатҳои китобат дар забони англисӣ**" ном гирифтааст, ки ин амал шаҳодат медиҳад, ки хусусиятҳои фарққунандаи аломатҳои китобат дар ду забон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд ва албатта дар хулосаҳо муаллифи диссертатсия хусусиятҳои хос, тафовутҳо ва умумиятҳои аломатҳои китобати забонҳои тоҷикӣ ва англисиро зикр намудааст.

Дар зербоби сеюми диссертатсия, ки "**Аломатҳои китобати маъмул дар матн**" номгузорӣ шудааст, муаллиф ба таҳқиқи аломатҳои нисбатан серистеъмол ва маъмул диққат додааст. Ин амал барои ошкор намудани хусусиятҳои алоҳида ва хоси аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун заминаи асосӣ хизмат намудааст.

Муаллиф, дар ин замина, бо такя ба сарчашмаҳои гуногун вазифа ва алоқаҳои гуногуни аломатҳои китобатро мавриди пажӯҳиш қарор додааст ва хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод шудаанд.

Боби сеюми диссертатсияи мазкур "**Аломатҳои китобат дар забони англисӣ ва умумияту тафовути корбурди онҳо дар забони тоҷикӣ**" ном гирифтааст, ки дар ин боб роҳу воситаҳои гуногуни ташаккули ва рушди аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Зербоби якуми боби сеюм "**Таҳлили корбурди функсионалии аломатҳои китобат дар забони англисии муосир**" ном гирифта, муаллиф алоқаи аломатҳои китобатро бо забони имрӯзаи муосири англисӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст.

Мусаллам, аст, ки забонҳои гуногун доимо дар шароити рушд ва такомул қарор мегиранд. Дар ин асос, масъалагузори намудани аломатҳои китобат ва таҳқиқи онҳо бо забони имрӯзистифодашаванда дархури масъала мебошад. Ҳамин нуктаҳо дар зербоби зикршуда ба назар мерасанд, ки саривақтӣ маҳсуб меёбанд.

Зербоби дуюми боби сеюм "**Истифодаи аломатҳои китобат дар дискурси компютерӣ** "дар забонҳои муқоисашаванда таҳлил шудаанд.

Бояд зикр намоем, ки ҷаҳони имрӯзаро бидуни истифодаи воситаҳои компютерӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, аз ин рӯ, донистани забони он ва махсусан, мавзуи болозикр, ки дар раванди кор бо компютер бидуни манфиат буда наметавонад, ҷойгоҳи махсус дорад. Муаллиф дар зербоби зикршуда масъалаҳои аломатҳои китобатро дар дискурси компютерӣ мавриди омӯзиш қарор додааст ва дар заминаи пажӯҳиши он хусусиятҳои нозук ва алоқаҳои бевоситаи онҳоро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Зербоби сеюми боби сеюм "**Умумият ва тафовути корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**" унвон гирифта, дар он нақши муҳим доштани роҳу воситаҳои истифодаи аломатҳои китобат дар ташаккули илми забоншиносӣ баррасӣ шудаанд.

Дар баробари масъалаҳои боло дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои ташаккули аломатҳои китобат, хусусиятҳои хоси онҳо дар забонҳои муқоисашаванда, тафовут ва умумиятҳо масъалагузорӣ шудаанд ва дар асоси пажӯҳиши илмӣ муаллиф хулосаҳои амиқро пешниҳод намудааст, ки барои ба ҳадаф расидани кори диссертатсионӣ мусоидат намудаанд.

Хулоса аз 13 банд иборат буда, натиҷаҳои диссертатсияро ба пуррагӣ дар шакли мушаххас инъикос менамояд.

**Аҳаммияти назариявии мавзуъ** ба он равона шудааст, ки он асосҳои назариявии мавҷударо дар бораи аломатҳои китобат тавсеа бахшида, барои густариши омӯзиши он дар забоншиносии умумӣ ва муқоисавӣ саҳм мегузорад. Таҳқиқоти мазкур аломатҳои китобатро ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ зери таҳлили пурра қарор дода, маълумоти мушаххасро дар бораи ин самти омӯзиши забон пурра менамояд ва ба ҳамин восита хулосаҳои илмии амиқро, ки ба омӯзиши муқоисавӣ бахшида шудааст, пешниҳод месозад. Мусаллам аст, ки натиҷаҳои пажуҳиш дар омӯзиши масъалаҳои баҳсталаби забоншиносии муқоисавӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

**Аҳаммияти амалии ин мавзуъ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаи кори диссертатсиониро дар раванди таълими назарияи забон, забоншиносии муқоисавӣ, забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ, амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, курсҳо ва семинарҳои махсуси маъношиносӣ ва луғатнигорӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, тавсияҳои амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар дарсҳои амалии тарҷума ва ҳангоми навиштани рисолаҳои илмии гуногун, таҳияи фарҳангҳо ва ғайра ҳамчун маводди зарурӣ мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба мавзуъ 13 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст.

Диссертатсияи **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** дар мавзуи **“Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ба масъалаҳои аломатҳои китобат дар ва корбурди дурусти онҳо бахшида шуда, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пурра мувофиқат мекунад, зеро талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур пажуҳиш ва омузиши масъалаҳои умумии забоншиносӣ ва дигар масъалаҳо вобаста ба талаботи ҷомеа, моҳият, сохтор, вазифа ва қонуниятҳои умумии забонро бо дигар забонҳои дунё пешбинӣ менамояд.

Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, ки аз диссертатсия бармеояд, мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди дастоварду муваффақиятҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Ба назари мо хуб мешуд агар муаллифи диссертатсия қисме аз намунаву мисолҳоро дар заминаи адабиёти бевосита тарҷумашуда пешниҳод мекарданд, зеро ин амал ҳангоми муқоиса вазифа ва хусусиятҳои хоси аломатҳои китобатро дар ду забон возеҳтар менамуд;
2. Дар бахши охири кор муаллиф агар аломатҳои китобати забони тоҷикӣ ва англисиро, ки хусусияти наздикӣ ва умумият доштанд, ҳамчун замимаи кор пешниҳод мекарданд, ба назари мо боиси мукаммалтар шудани кор мегардид;
3. Дар диссертатсия ва автореферати он камбудиҳои имлоӣ, услубӣ, грамматикӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои мазкур характери тавсиявӣ дошта, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коста намекунанд ва дар сурати ислоҳи онҳо қимати кор боз ҳам хубтар хоҳад шуд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии **Давлатзода Муслим Сайбурҳон** дар мавзуи **"Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)"**, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи забони
англисии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Туйғунов Носир Ҳақбердиевич

**Нишонӣ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Тел: 935551304
E-mail: tuygunzodanosir@gmail.Com.

Имзои Н.Ҳ. Туйғуновро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода Аваз Хол

**Нишонӣ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Тел: (99237) 247207
Сомона:www.tajagroun.tj

«__3__»_____09_____2026